**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА–035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Парвандаи аттестатсионии № ___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 4 -уми июли соли 2024, № 14

**Дар бораи сазовор донистани Асомуддини Абдулмумин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Диссертатсияи Асомуддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) санаи 28 марти соли 2024 (суратҷаласаи № 7) дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА–035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №114/шд аз 19.05.2023с.) барои ҳимоя қабул шуд.

Асомуддини Абдулмумин 21 январи соли 1991 дар ҷамоати Ғаффор Мирзо, деҳаи Токаки ноҳияи Ховалинги Вилояти Хатлон таваллуд ёфта, миллаташ тоҷик мебошад. Мавсуф соли 1998 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 9 -и ба номи Саймумин Сайфидин н. Ховалинг, соли 2013 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи

Носири Хусрав ва соли 2015 магистратураи донишгоҳи номбурдаро бомуваффақият хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Асомуддини Абдулмумин аз соли 2014 оғоз гардид. Ӯ нахуст ба ҳайси котиб - референти ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, соли 2016 муовини декан оид ба тарбияи факултети Телекоммуникатсия ва таълимоти касбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва аз моҳи сентябри соли 2021 ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолият намуда, барои хизматҳои арзанда дар роҳи таълиму тарбияи ҷавонон борҳо бо ифтихорномаҳои роҳбари муассиса сарфароз гардидааст.

Мавзуи рисолаи илмии Асомуддини Абдулмумин таҳти унвони «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» дар ҷаласаи Шурои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ аз санаи 29.09.2020, суратҷаласаи № 8 зери роҳбарии номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш Ғафуров Абдулло Мутиллоевич тасдиқ шудааст.

Асомуддини Абдулмумин муаллифи 11 интишорот оид ба мавзуи мавриди таҳқиқ буда, дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ширкат ва суханронӣ намудааст.

Диссертатсияи Асомуддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ омода гардида, дар ҷаласаи он аз 1 декабри соли 2023, протоколи № 10 муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод карда

шудааст. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 аз 18 апрели соли 2024 диссертатсияро ба ҳимоя тавсия намуд. Матни автореферати диссертатсияи Асомуддини Абдулмумин дар сомонаи расмии Шурои диссертатсионӣ (www.institute-history.tj) санаи 23.04.2024 ва эълон дар хусуси ҳимоя дар сомонаи расмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (https://vak.tj/) санаи 26.04.2024 ҷойгир карда шудаанд. Автореферати диссертатсия санаи 27 майи соли 2024 тибқи рӯйхат тавзеъ шудааст.

Диссертатсияи Асомуддини Абдулмумин бори аввал ба ҳимоя пешниҳод мешавад. Тамоми ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда мувофиқ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, дар парвандаи шахсии унвонҷӯ қарор доранд.

**Роҳбари илмӣ – Ғафуров Абдулло Мутиллоевич** - н.и.т., дотсент, мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Набизода Ваҳҳоб Машраб** - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна** – номзади илмҳои таърих, дотсент, муовини декан оид ба таълими факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд:**

**Муассисаи пешбар** - МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раисикунандаи ҷаласа, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» - номзади илмҳои таърих Мирзоев Ғолибшо Шарифович, ташхисгар- номзади илмҳои таърих Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич ва котиби ҷаласа – Самадов Ф. ба имзо расида, аз ҷониби ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" -

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷик 24 майи соли 2024, протоколи № 10, баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд. Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: 1 нафар доктори илмҳои таърих, 3 нафар номзади илмҳои таърих, инчунин муаллимони калон ва унвонҷӯёни кафедра иштирок доштанд. Муассисаи пешбар дар хулосаи худ иброз менамояд, ки диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад. Муассисаи пешбар хулоса баровардааст, ки дар рафти навиштани диссертатсия унвонҷӯй пас аз омӯзиши маъхазҳо, адабиёти илмии соҳавӣ мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро кардааст. Диссертатсия бо назардошти арзиши илмӣ, мубрамӣ, фарогирии масоили таҳқиқот, хулоса, тавсияҳои илмӣ ва сифати иҷроиш ба меъёрҳои банди 31, 33, 34, ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мазмуни асосии рисола дар 11 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд, таҷассум ёфтааст. Дар интишороти унвонҷӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Асомиддин, А. Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид дар таърихнигории ватанӣ / А. Асомиддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - № 8. – С. 75-80. ISSN 2074 – 1847.

2. Асомиддин, А. Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар таърихнигории ватанӣ / А. Асомиддин // Муаррих. – 2021. - №2 (26). – С. 114-120. ISSN 2709 – 7382.

3. Асомиддин, А. Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории Шанхай дар таърихнигории ватанӣ / А. Асомиддин // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. - №3 (92). – С. 286-289. ISSN 2219 – 5408.

4. Асомиддин, А. Раванди таҳаввулоти сиёсӣ дар охири солҳои 80-ум - ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигорӣ / А. Асомиддин // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2023. - №6 (92). – С. 286-289. ISSN 2219 – 5408.

5. Асомиддин, А. Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (1992-1997) дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ / А. Асомиддин // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.– 2024. - № 2 (94). – С. 75-80. ISSN 2074 – 1847.

6. Асомиддин, А. Масоили мубрами таърихи истиқлоли давлатӣ дар осори Пешвои миллат / А. Ғафуров, А. Асомиддин // Муаррих. – 2024. - №1 (37). – С. 114-120. ISSN 2709 – 7382.

7. Асомиддин, А. Кинои тоҷик дар даврони истиқлол / А. Асомиддин // Паёми фарҳанг. – 2023. - №4 (64). – С. 72-80.

**Мақолаҳои дар дигар маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳо ва маводҳои конференсиявӣ ба табъ расида:**

8. Асомиддин, А. Инъикоси масъалаҳои сулҳу ваҳдат дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ / А. Асомиддин // Маводи ҳамоиши илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои таъмини самаранокии ҳамбастагии илм ва истеҳсолот». - Душанбе. - 20-21 ноябри соли 2020. – С.21-27.

9. Асомиддин, А. Ҳаракату ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун омили асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон / А. Асомиддин // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2022. - №2(2). – С. 19-22.

10. Асомиддин, А. Инъикоси масоили истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар таърихнигории ватанӣ /А. Асомиддин // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Рушди устувори саноати миллӣ дар асоси амалигардонии "Бистсолаи омӯзиш ва

рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф". – Душанбе, 24-25 апрели соли 2023. – С.194-197.

11. Асомиддин, А. Раванди гуфтушунид ва истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон аз нигоҳи муҳаққиқони хориҷӣ /А. Асомиддин // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Рушди устувори саноати миллӣ дар асоси амалигардонии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф". – Душанбе, 24-25 апрели соли 2023. – С.191-194.

**Ба автореферати диссертатсия се тақриз ба шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

1. **Карамалишоев Карамалишо Нуралишоевич** – муовини ректор оид ба илм ва иноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент. Тақриз мусбат аст. *Эродҳо вуҷуд надоранд.*
2. **Ғаффоров Бахтиёр Ваҳобович** – номзади илмҳои таърих, дотсент, декани факултети таҳсилоти ғоибонаи Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистон ва Россия. *Тақриз мусбат аст. Эродҳо вуҷуд надоранд.*
3. **Муллоҷонов Асадулло Кучакович** – номзади илмҳои таърих, дотсент, сардори раёсати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст. *Эродҳо вуҷуд надоранд.*

Муқарризон дар асоси баррасии автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) ба аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварии кор ва дастовардҳои илмии унвонҷӯ таъкид намуда, муаллифи диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) сазовор донистаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок карда мешавад, ки аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои

таҳқиқоти таърихӣ) доир ба масъалаҳои гуногуни таърихи фарҳанг, хусусан, театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлол дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ:**

***идеяи нави илмӣ коркард*** шудааст, ки самтҳои таҳқиқнашудаи таърихи сиёсии солҳои 90-уми Тоҷикистони соҳибистиқлолро комил менамояд. Тибқи ин идеяи илмӣ таҳлили маҷмӯии таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон амалӣ гардида, масоили баҳсноки таърихи сиёсии Тоҷикистон дар охири асри XX мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, хулосаҳои илмию назариявӣ бароварда шудааст.

***Муайян ва мушаххас шуданд:*** бори нахуст манбаъҳои сершумор, теъдоди зиёди асарҳои нашргардида оид ба масоили гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба доираи таҳлили таърихнигорӣ фаро гирифта шуда, адабиёти илмӣ, ки вазъи сиёсии даҳсолаи охири асри XX, махсусан воқеаҳои феврали соли 1990 ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистонро ба таври гуногун инъикос намудаанд, мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Гузашта аз ин, заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ гардида, даврабандии ин рӯйдоди мудҳиш амалӣ гардидааст.

***Исбот шудааст:*** дар заминаи маълумоти бойгониҳои ҷорӣ, асарҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи сиёсии Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI бахшида шудаанд, инъикоси заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон таҳлил ва баррасӣ гардида, аҳамияти Иҷлосияи XVI дар роҳи расидан ба сулҳ ва барпо гардидани ҳукумати конститутсионӣ дар осори

муҳаққиқон ошкор ва таҷассуми натиҷаҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ва тарғиби таҷрибаи сулҳ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил шудааст.

***Асоснок шудааст:*** зарурати идомаи минбаъдии таҳқиқот ва густардатар кардани фарогирии мавзуъ.

***Аҳаммияти назариявии таҳқиқот*** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои илмӣ-назариявии рисола метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии мухаққиқон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991- 2021), инчунин зимни хондани

***Арзёбии дурусти*** натиҷаҳои таҳқиқот аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки пажуҳиш дар заминаи омӯзиши асарҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, таҳлилу баррасии осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ва марҳалаҳои истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллии тоҷикон бахшида шудаанд, амалӣ гардидааст.

***Методҳои истифодашуда:*** Ба сифати асоси методологии таҳқикот маҷмӯи усулҳое истифода шудаанд, ки дар байни онҳо усулҳои таърихӣ, ба амсоли таърихияти илмӣ,· муқоисавӣ – таърихӣ, масъалагузорӣ – солномавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ ва инъикоси воқеъбинона мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

***Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд,*** ки маълумоти диссертатсияи мазкур, далелу рӯйдодҳои таърихиеро, ки дар он инъикос гардидааст, метавон дар пажӯҳиши таърихи сиёсии солҳои 90-уми асри XX ва зимни таҳияи курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои

“Таърихи халқи тоҷик”, “Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол”, “Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиклол” васеъ истифода кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ – тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

***Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,*** ки диссертатсия дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» таҳқиқоти илмии бар асоси дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили таърихнигории маводҳои мавҷуда амалӣ гардида, хулоса пешниҳоду тавсияҳои мукаммали илмӣ собит менамояд, ки унвонҷӯ мақсад ва ҳадафҳои дар назди худ гузоштаро пурра анҷом дода, таҳқиқоти арзишмандеро барои ҳимоя пешниҳод намудааст.

**Ғояи асосии** таҳқиқоти диссертатсионӣ:

- дар хулоса ва тавсияҳо, дар заминаи таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ **асоснок шудааст;**

- унвонҷӯ дар рисолаи таҳқиқотии худ бештар ба ҷанбаҳо ва вижагиҳои мавзуъ рӯ оварда, ба таври васеъ аз осори Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон бахшида шудаанд, **истифода намуда,** адабиёти мазкурро мавриди **таҳлили таърихнигорӣ қарор додааст;**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводҳои нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ таълиф гардидаанд, дар

таҳқиқи илмии заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон ва даврабандии ин рӯйдоди сиёсӣ зоҳир мегардад.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки диссертатсияи Асомуддини Абдулмумин дар мавзуи **«Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)»** таҳқиқоти комили илмӣ буда ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, комилан мувофиқат менамояд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 4 июли соли 2024 доир ба сазовор донистани Асомуддини Абдулмумин ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ), натиҷа чунин буд: аз 13 нафар аъзои шуро – 13 нафар «ҷонибдор», «муқобил» – нест, «бюллетенҳои беэътибор» – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Саидов А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Иброҳимов М.Ф.**

**04. 07. 2024**